# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13ᵃ, тел: 221-46-05,
факс: 221-70-41; www. maorif.tj, E-mail:mort@maorif.tj

№ 07(48)02-234 аз «07» 08 2023
Ба______________аз «___»______2023

Ба ректорон (директорон)-и
муассисаҳои таҳсилоти олии
касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нусхаи Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» миёни донишҷӯён, макистрантон, докторантон аз рӯйи ихтисос «PhD» ва унвонҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2023, №11/40) ва Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» миёни магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2023, №11/41) барои корбарӣ ва иҷро ирсол менамояд.

Замима: нусхаи низомномаҳо дар ҳаҷми 14 саҳифа.

Муовини якуми вазир　　　　　　Ҷамшед Ҷӯразода

**Иҷрокунанда:** Олимӣ М.
**Тел.:** 227-32-59

# ҚАРОРИ ҲАЙАТИ МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «27» 07 соли 2023 №11/41 ш.Душанбе

Дар бораи «Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» миёни магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ҷаласаи ҳайати мушоварaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи «Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» миёни магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон »-ро баррасӣ намуда, қ а р о р м е к у н а д:

1. Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» миёни магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузории озмунро тибқи Низомномаи мазкур ба роҳ монанд.

3. Раёсати илм ва инноватсия (Сироҷиддин Ниёзӣ) рафти иҷрои қарори мазкурро таъмин намояд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир Ҷамшед Ҷӯразода вогузор карда шавад.

Раиси ҳайати мушовара,
вазир Раҳим Саидзода

Бо қарори ҳайати мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «27» 07 соли 2023,
№ 11/41 тасдиқ карда шудааст.

Низомномаи
озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» миёни магистрантони
муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» миёни магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Низомнома) дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи магистратура» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа таҳия гардида, тартиби гузаронидани озмуни мазкурро ба танзим медарорад.

1.2. Озмуни ҷумҳуриявии «Магистранти сол» (минбаъд Озмун) миёни магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба ҳам овардани магистрантон, дарёфти чеҳраҳои нави лаёқатманд, соҳибмаърифат ва ташаббускор, роҳ надодан ба ҳар гуна ақидаҳои ифротӣ ва омилҳои номатлуб, ки ба зеҳни магистрантон таъсири манфӣ доранд, ташаккули афкори солим, ғанӣ гардонидани сатҳи ҷаҳонбинӣ ва маърифатнокӣ, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва таҳкими эҳсоси худшиносию меҳанпарастӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими зеҳни миллии ҷавонон, равона намудани онҳо ба илмомӯзӣ, бедор намудани завқи китобхонӣ ва илмдӯстӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ, ахлоқӣ ва ҳозирҷавобӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими захираи луғавӣ, фаъолгардонии раванди забондонӣ, беҳтар намудани раванди таълим, такмили фаъолияти таълимии магистрантон, инкишофи қобилияти эҷодӣ, иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳаёти илмӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гузаронида мешавад.

1.3. Озмун тибқи фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор карда мешавад.

1.4. Дар озмун магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ метавонанд иштирок намоянд.

1.5.Озмун дар давоми соли таҳсил дар ду давр - даври якум дар муассиса (миёни магистрантони курсҳои 1 ва 2) нимаи дуюми моҳи феврал ва даври дуюм, ки даври хотимавӣ (ҷумҳуриявӣ) маҳсуб меёбад, миёни магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ аз 1 март то 25

март гузаронида шуда, макони баргузории онро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

1.6.Масъулияти баргузории даври якум, омода ва пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои ғолиби озмун ба даври хотимавӣ дар салоҳияти роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ мебошад.

1.7.Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон ба комиссияи даври ҷумҳуриявӣ то 1 март муқаррар карда мешавад. Ба даври хотимавии озмун аз ҳар як муаассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ ҳуҷҷатҳои як нафар магистранти ғолиб дар озмуни муассисавӣ ба котиби масъули комиссияи Вазорати маориф ва илм барои иштирок пешниҳод мегардад.

1.8.Ба даври хотимавии озмун ҳуҷҷатҳои зерини магистранти ғолиб дар даври муассисавӣ бо мактуби расмии роҳбарияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ пешниҳод карда мешавад:

- нусхаи шиноснома;
- қарори комиссияи даври якуми озмун;
- нусхаи маълумотномаи академии магистрант ва ё нусхаи дафтарчаи имтиҳонӣ;
- дастовардҳои эҷодӣ (нусхаҳои нахустпатент ва ё патенти ихтироот, шаҳодатнома, диплом, сертификат, сипоснома, ифтихорнома, мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавӣ, ки дар давраи магистрантӣ эҷод ва нашр шудааст ва ғ);
- пешниҳоди дастовардҳо дар шакли албоми мусаввар.

## 2. КУМИТАИ ТАДОРУКОТИ ОЗМУН

2.1. Кумитаи тадорукоти озмун аз ҳисоби кормандони масъули Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутахассисони касбии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ (иборат аз 7 нафар: раис, котиби масъул ва аъзоён) дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, масъалаи ташкил ва баргузории даври дуюми озмун ба зиммаи ҳамин Кумита гузошта мешавад.

2.2. Дар назди Кумитаи тадорукот комиссияи аппелятсионӣ таъсис дода шуда, ба ҳайати он дар баробари аъзои комиссияи озмун инчунин Кумитаи тадорукот метавонад аз ҳисоби мутахассисони соҳа экспертҳоро ҷалб намояд.

2.3. Аз рӯи натиҷаи озмун магистрант ҳуқуқ дорад ба комиссияи аппелятсионӣ ба таври расмӣ (хаттӣ) танҳо дар рӯзи барои фаъолияти кори комиссияи аппелятсионӣ ҷудошуда, яъне пеш аз ҷамъбасти даври хотимавии озмун муроҷиат намояд.

2.4. Баъди баррасии аппелятсия қарори комиссияи аппелятсионӣ оид ба натиҷаи холҳои озмун қабул карда мешавад. Дар мавриди ба миён омадани зарурати тағйир додани хол бо қарори комиссияи аппелятсионӣ ва протоколи он тағйирот ворид карда мешавад. Дар мавриди ба вуҷуд омадани ихтилоф дар комиссияи апеллятсионӣ оид ба баҳои гузоштašуда баҳо бо овоздиҳии ошкоро ва тарафдории аксарияти овозҳо тасдиқ карда мешавад.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

## 3. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

3.1. Хароҷоти даври якум ва сафарбаркунии ғолибон ба даври ҷумҳуриявии озмун аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ пардохт карда мешавад.

3.2. Харҷномаи маблағи ҳавасмандгардонӣ барои ғолибони даври дуюм (ҷумҳуриявӣ)-и озмун ва дигар хароҷоти ба он вобаста бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

3.3. Ба харҷномаи даври хотимавии озмун, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад, харҷи ҷамъомадҳои ифтитоҳӣ ва ҷамъбастии озмун, таъминот бо лавозимоти идорӣ, тайёр намудани тухфаҳо, ҳавасмандгардонии ғолибон ва иштирокдорони озмун ва ғайра дохил мешаванд.

3.4.Барои ғолибон чунин ҷойҳо муайян шудаанд:

Ҷои аввал - як ҷой.

Ҷои дуюм - ду ҷой.

Ҷои сеюм - ду ҷой.

3.5.Ғолибони Озмун бо дипломҳои дараҷаҳои 1, 2, 3 ва ҷойҳои ифтихорӣ (ҷойи 4) бо Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзгорони ғолибони ҷойи якум бо сипосномаи вазири маориф ва илм мукофотонида мешаванд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ вазифадоранд, ки ғолибони даври дуюми озмун ва омӯзгорони онҳоро, дар фазои тантанавӣ тариқи моддӣ ва молиявӣ дар муассиса қадрдонӣ намоянд.

3.6. Натиҷаи Озмун дар сомонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаи «Омӯзгор» ва расонаҳои дигари хабарӣ интишор мешавад.

Маблағи умумӣ барои ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Якум | 5000 | 1 | 5000 |
| 2. | Дуюм | 3000 | 2 | 6 000 |
| 3. | Сеюм | 2000 | 2 | 4000 |
| **Ҳамагӣ:** | | | **5** | **15 000** |

## 4. ШАРТҲОИ ОЗМУН

4.1.Дар озмун магистрантони курсҳои 1 ва 2, ки бо баҳои аъло таҳсил мекунанд ва интизоми намунавӣ дошта, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзанд, ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

4.2. Озмун аз рӯи чунин шартҳо сурат мегирад:

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

- навиштани кори хаттӣ (бо забони давлатӣ), ки метавонад дар шакли эссе ё иншо бошад ва мавзуъҳои он аз ҷониби Кумитаи тадорукоти озмун муайян карда мешаванд;

- баҳогузории пешрафти корҳои илмӣ, таълимию методӣ, мақолаҳои илмии магистрант ва ғайра бо низоми садхола;

- пешниҳоди натиҷаҳои корҳои илмӣ, таълимию методӣ, мақолаҳои илмӣ ва ғайра аз ҷониби магистрант дар шакли рӯнамоии техникӣ, албом ва амсоли он;

- суҳбат дар шакли саволу ҷавоб вобаста ба мавзуъҳои ихтисосӣ, масъалаҳои муқовимат бо ақидаҳои ифротӣ ва омилҳои номатлуб, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва таҳкими эҳсоси худшиносию ватанпарастӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ, забондонӣ, илмӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва ғайра;

4.3.Натиҷаи ҳунару истеъдод ва қобилияти азхудкунии ҳар як иштирокчӣ мутобиқи шартҳои Озмун дар протокол ва варақаи баҳодиҳӣ бо низоми садхола дарҷ гардида, бо имзои аъзои ҳакамони Озмун тасдиқ карда мешавад.

## 5. БАҲОДИҲӢ

Меъёрии баҳогузорӣ ба лаёқат, малака ва маҳорати довталабони Озмун мутобиқи ҷадвали зер муайян карда мешавад:

| № Т/Р | Номгӯи масъалаҳое, ки ба довталаб баҳогузорӣ карда мешавад | Холи имконпазир |
|---|---|---|
| 1 | Навиштани кори хаттӣ (бо забони давлатӣ), ки метавонад дар шакли эссе ё иншо бошад ва мавзуъҳои он аз ҷониби Кумитаи тадорукоти озмун муайян карда шудаанд | Тибқи низоми садхола |
| 2 | Баҳогузории пешрафти корҳои илмӣ, таълимию методӣ, мақолаҳои илмии магистрант ва ғайра | Тибқи низоми садхола |
| 3 | Пешниҳоди натиҷаҳои корҳои илмӣ, таълимию методӣ, мақолаҳои илмӣ ва ғайра аз ҷониби магистрант дар шакли рӯнамоии техникӣ, албом ва амсоли он | Тибқи низоми садхола |
| 4 | Суҳбат дар шакли саволу ҷавоб вобаста ба мавзуъҳои ихтисосӣ, масъалаҳои муқовимат бо ақидаҳои ифротӣ ва омилҳои номатлуб, ҳимояи арзишҳои миллӣ ва таҳкими эҳсоси худшиносию ватанпарастӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ, забондонӣ, илмӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва ғайра | Тибқи низоми садхола |
| | Ҳамагӣ: | Тибқи низоми садхола |

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАёСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС